«Тасдиқ мекунам»:
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
д.и.х., профессор Насриддинзода Э.С
_______________
«_30_» ___06___ 2025 с.

# ХУЛОСАИ

**ҷаласаи васеи кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Диссертатсияи Шарипов Некрӯз Гадомадович дар мавзуи «Ҷанбаҳои ташкилӣ-иқтисодии баландбардории рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ (дар мисоли ташкилотҳои қарзӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – “Молия, муомилоти пулӣ ва қарз” дар кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расонида шудааст.

Шарипов Некрӯз Гадомадович соли таваллудаш 06.03.1993 дар вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба дунё омадааст.

Соли 2015 Донишгоҳи (Славянии) Русияву Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси иқтисодиёт хатм кардааст. Соли 2021 Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, шуъбаи магистратураро аз рӯйи ихтисоси молия ва қарз, бо касби иқтисодчӣ бо муваффақият хатм намудааст.

Аз моҳи декабри соли 2021 дар назди кафедраи молия ва суғуртаи факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таҳти фармони №509-05 ба ҳайси унвонҷӯ қабул гардидааст.

Солҳои 2016-2017 ба ҳайси муовини директори генералии ҶДММ “Кохи Наврӯз” кор кардааст. Соли 2017 ба ҳайси мудири хазинаи ТАҚХ Сарват фаъолият намуда, аз соли 2018 то соли 2024 ҳамчун муовини якуми директори ташкилоти мазкур ва аз моҳи январи 2025 то инҷониб ба ҳайси директори ТАҚХ Сарват фаъолият намуда истодааст.

Мавзуи диссертатсияи Шарипов Некрӯз Гадомадович дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз санаи 06 марти соли 2021, протоколи № 9 тасдиқ шудааст. Санаи 15.06.2025 имтиҳони маҷмуии худро супорид ва кори илмии худро дар кафедраи молия ва суғурта барои муҳокима пешниҳод намуд ва бо муваффақият пешдифои кафедраро гузашт.

**Роҳбари илмӣ:** доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Досиев Маҳмадшоҳ мебошад.

**Муқарризони холис:**

**Ҳусайнов М.Н.** - н.и.и., дотсент, мудири кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

**Бобоев Ф.Ҷ.** - н.и.и., дотсенти кафедраи молия ва суғурта, муовини декан оид ба илм ва инноватсияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

**Гулаков У.М.**- н.и.и., муаллими калони кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

Дар натиҷаи муҳокимаи диссертатсия дар мавзуи «Ҷанбаҳои ташкилӣ-иқтисодии баландбардории рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ (дар мисоли ташкилотҳои қарзӣ)» чунин хулосаҳо бароварда шуд:

**Баҳодиҳии иҷрои диссертатсия.** Диссертатсияи Шарипов Некрӯз Гадомадович дар мавзуи «Ҷанбаҳои ташкилӣ-иқтисодии баландбардории рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ (дар мисоли ташкилотҳои қарзӣ)» ба масъалаҳои мубрами муосири илми иқтисодӣ бахшида шудааст, ҳамзамон бо забони илмӣ навишта шуда, таҳқиқоти анҷомёфта ба ҳисоб меравад, мақсад ва вазифаҳои диссертатсия иҷро гардида, пешниҳод ва хулосаҳо асоснок карда шудаанд.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Ҷараёни гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муносибатҳои иқтисоди бозорӣ зарурати таҷдид ва азнавсозии ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқи мамлакат, аз ҷумла бозори хизматрасониҳои бонкиро ба миён овард. Аз ин рӯ, дар солҳои соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳам пайвастани равандҳо ва

чараёнҳои муносибатҳои бозорӣ, васеъ паҳн шудани хизматрасониҳои муосири бонкӣ дар иқтисодиёт, ки боиси рушди иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат мегардад, торафт аҳаммияти бештар пайдо мекунад.

Яке аз унсурҳои асосии низоми иқтисодиёти муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар заминаи ҳамоҳангсозии он ба самтҳои афзалиятноки иқтисодӣ мебошад. Мунтазам афзун шудани талабот ба амалиёт ва хизматрасониҳои бонкӣ ва дар баробари он, зарурати кам кардани сатҳи хавфҳои амалиётӣ ва коҳиш додани шумораи амалиёти хатарнок ислоҳоти ҷиддиро тақозо менамояд. Дар бозори хизматрасонии бонкӣ тағйироти сохторӣ ва гурӯҳбандии марҳалаҳои рушди он бо дарназардошти сатҳи талаботи ҷомеа арзёбии ҷиддиро тақозо намуда, роҳҳои имконпазири рушди мутақобиларо бо иқтисодиёт тақозо менамояд.

Шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба мушкилоти мавҷудаи бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар самти амалиёт тавассути кортҳои пардохтӣ, хизматрасониҳои муосири бонкӣ, амалиёти қарзӣ ва монанди инҳо зарурати таҳқиқоти бештарро ба миён овардааст.

Имрӯз зарур аст, ки ҷиҳати такмил ва баланд бардоштани фарогирии молиявии аҳолӣ дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ мафҳумҳои наве, ки механизми фаъолияти соҳаҳои гуногуни иҷтимоию иқтисодиро инъикос менамоянд, истифода шаванд. Бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар замони истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон фарогир ва таъсиррасон ба тамоми ҷомеаи имрӯза гардидааст.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқот бо Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 октябри соли 2016, № 392 Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон (БМР) барои солҳои 2021-2025 (қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 июни соли 2021, № 441), Консепсияи рушди иқтисодиёти рақамӣ барои давраи то соли 2040,

Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи эълон гардидани солҳои 2025-2030 "Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия" аз 08.01.2025, №911, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ аз 22.07.2023, №586, алоқаманд мебошанд. Диссертатсия мувофиқи нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро гардидааст.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот**. Мақсади рисолаи мазкур аз ҷиҳати назариявӣ асоснок кардан ва муайян намудани ҷанбаҳои ташкилӣ-иқтисодии баландбардории рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ ва дурнамои инкишофи хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ташаккули иқтисоди рақамӣ ба шумор меравад:

- таҳқиқи асосҳои назариявии ташаккул ва рушди иқтисодиёти рақамӣ ва муайян намудани нақши он дар рушди бонкҳои тиҷоратӣ;
- баррасии мафҳум ва моҳияти ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ дар мисоли ташкилотҳои қарзӣ бо дарназардошти арзёбии таҳлили таҷрибаи ҷаҳонии баландбардории рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ;
- таҳлили ҳолати муосири хизматрасониҳои бонкӣ дар ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ ва муайян кардани омилҳои таъсиррасон ба сатҳу сифати он дар ташкилотҳои қарзӣ;
- муайян намудан ва такмили механизмҳои ташкилию иқтисодии хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти истифодаи васеи технологияи рақамӣ;
- баҳодиҳии татбиқи технологияҳои муосири инноватсионии бонкӣ дар рушди хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои қарзӣ дар шароити ташаккули иқтисодиёти рақамӣ;

▪асосноккунӣ ва пешниҳод намудани тавсияҳои амалӣ оид ба беҳтар намудани фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ дар шароити гузаштан ба иқтисодиёти рақамӣ.

**Объекти таҳқиқот** фаъолияти рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ дар мисоли ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун унсури таъсиррасон ба рушди иқтисодиёти рақамӣ интихоб шудааст.

Ба сифати **предмети таҳқиқоти диссертатсионӣ** муносибатҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва ташкилие мебошанд, ки дар ҷараёни амалиёти бозори хизматрасониҳои бонкӣ аз тарафи ташкилотҳои қарзӣ ба вуҷуд омада, самаранокии равандҳои иқтисодиро дар ҷомеа таъмин менамоянд.

**Фарзияи таҳқиқот.** Ба сифати фарзияи ибтидоии илмии таҳқиқот муқаррароте пешниҳод карда шуд, ки дар ҳолати ба таври илмӣ асоснок кардани баланд гардидани рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ дар мисоли ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва самаранокии он бо роҳҳои муайянкунии омилҳои асосии таъсиррасон ба рушди низоми бонкӣ; мукаммалгардонии стратегияҳои мавҷудаи рушди бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои қарзӣ; истифодаи таҷрибаи мамолики мутараққии хориҷӣ дар самти бонкдорӣ, мукаммалгардонии танзим ва дастгирии давлатии низоми бонкӣ дар шароити ташаккули иқтисодиёти рақамӣ, инчунин, баланд бардоштани рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ дар мисоли ташкилотҳои қарзӣ ҳамчун унсури асосии рушди иқтисоди рақамӣ дар кишвар амалӣ гардидан имконпазир мегардад.

**Асосҳои назариявию методологии таҳқиқотро** маҷмӯи консепсияҳо ва қонуниятҳо, мафҳумҳои назариявӣ, равишҳои бунёдӣ ва амалӣ, воситаҳои таҳқиқоти методологӣ, инчунин усулҳои ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумотро дар бар мегиранд. Онҳо барои таҳқиқоти илмӣ, таҳлил, таҳия ва асосноккунии тавсияҳои амалӣ оид ба баланд бардоштани рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити ташаккули иқтисодиёти рақамӣ асос мебошанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Кори диссертатсионӣ натиҷаи кори мустақилонаи илмии муаллиф буда, муқаррароти илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои дар кори диссертатсионӣ таҳия ва асоснок шуда, аз ҷониби муаллиф мустақилона дар асоси гузаронидани таҳқиқи амалияи рушди фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои хурди қарздиҳӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ анҷом дода шудаанд. Қисми таҳлилии диссертатсия дар асоси коркарди маълумотҳои Бонки миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоботҳои бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки таҳқиқ намудем, анҷом дода шудааст.

**Сарчашмаҳои маълумот.** Ба сифати сарчашмаҳои асосии маълумот Паёмҳои солона ва суханрониҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳҳои гуногун вобаста ба муассисаҳои молиявӣ, аз ҷумла бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои қарзӣ дар шароити ташаккули иқтисодиёти рақамӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, адабиёти иқтисодии гуногун, маводи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон, маводи сомонаҳои расмии бонкҳои тиҷортӣ ва ташкилотҳои қарзӣ, натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ва сарчашмаҳои интернетӣ истифода шудаанд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Диссертатсия дар солҳои 2021-2024 дар кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон анҷом дода шудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ** дар муайян намудани ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии баланд бардоштани рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ иборат буда, дар асосноккунии муқаррароти назариявию методологии ислоҳоти низоми бонкӣ дар мисоли ташкилотҳои қарзӣ дар шароити рушди иқтисодиёти рақамӣ ифода меёбад. Натиҷаҳои муфид ва муҳимми тадқиқот, ки навовариҳои илмиро возеҳ намуда, мазмуну муҳтавои рисоларо ошкор мекунанд, инҳоянд:

1.Дар диссертатсия асосҳои илмию назариявии мафҳуми иқтисоди рақамӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, он ҳамчун омили асосии рушди босуботи бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои қарзӣ муайян карда шудааст. Муаллиф дар асоси омӯзиши адабиёти илмӣ ва таҷрибаи ҷаҳонӣ принсипҳо ва усулҳои асосии рушди иқтисоди рақамиро муайян намуда, таъсири мусбии онро ба рушди фаъолияти бонкӣ, ташкилотҳои қарзӣ ва дар маҷмуъ, иқтисоди миллӣ нишон додааст.

2.Мафҳум ва моҳияти ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ дар мисоли ташкилотҳои қарзӣ бо дарназардошти арзёбии таҳлили таҷрибаи ҷаҳонии баландбардории рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ баррасӣ шудаанд. Муаллиф мафҳуми ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратиро дар асоси омӯзиши илмҳои назариявии муҳаққиқон ҳамчун унсури фаъоли татбиқи иқтисодиёти рақамӣ муфассал шарҳ додааст.

3.Таҳлили ҳолати муосири хизматрасониҳои бонкӣ дар ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ амалӣ гардонида шудааст. Муаллиф омилҳои таъсиррасон ба сатҳ ва сифати хизматрасониҳои бонкҳои тиҷоратӣ ва нақши технологияҳои инноватсионӣ дар рушди онро муайян кардааст. Дар таҳқиқот вазъи муосири фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан, дар мисоли ташкилотҳои қарзӣ арзёбӣ гардида, нақши онҳо дар рушди иқтисодиёти рақамӣ ва тамоми соҳаҳои иқтисоди миллӣ муайян карда шудааст.

4.Такмили такмили механизмҳои ташкилию иқтисодии хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти истифодаи васеи технологияи рақамӣ муайян карда шудааст. Дар диссертатсия арзёбии самтҳои асосии дастгирии давлатии бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои қарзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст. Муаллиф муайян намудааст, ки чӣ гуна танзими давлатии

бонкҳои тиҷоратӣ ба ташаккули сиёсати бонкдории кишвар ва рушди иқтисодиёти рақамӣ мерасонанд.

5.Дар диссертатсия татбиқи технологияҳои инноватсионӣ дар рушди хизматрасониҳои бонкӣ дар ташкилотҳои қарзӣ дар шароити ташаккули иқтисодиёти рақамӣ таҳия гардидааст. Муаллиф дар баробари ин, такмили нақши инноватсияҳои бонкӣ дар баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои ташкилотҳои қарзӣ, аз ҷумла навсозии техника ва технологияи муосир, ва истифодаи самараноки онро ки ин барои ташаккул ва рушди фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои қарзӣ дар раванди гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ муфид арзёбӣ мегардад, пешниҳод намудааст.

6.Тавсияҳои амалӣ оид ба беҳтар намудани фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ дар шароити гузаштан ба иқтисодиёти рақамӣ асоснок карда шуда, пешниҳод гардидаанд. Муаллиф тавсияҳои мушаххасро барои рушди ташкилотҳои қарзӣ ва беҳтар намудани фаъолияти онҳо дар асоси истифодаи технологияи рақамӣ таҳия ва пешниҳод намудааст. Ҳамзамон, оид ба баланд бардоштани маърифати молиявии кормандони бонкҳои тиҷоратӣ дар самти татбтқи принсипҳои иқтисоди рақамӣ тавсияҳои амалӣ манзур гардидааст.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки муқаррароти назариявӣ-методӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия пешниҳодгардида ҳангоми мукаммалсозии раванди бонкҳои тиҷоратӣ, махсусан, ташкилотҳои қарзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити гузаштан ба иқтисодиёти рақамӣ истифода шуда метавонанд. Муқаррарот ва пешниҳодоти диссертатсияро ҳангоми такмили танзими фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ, инчунин, татбиқ намудани принсипҳои иқтисодиёти рақамӣ истифода намудан мумкин аст.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқот** дар он аст, ки имконияти истифода бурдани натиҷаҳои илмии бадастомада аз тарафи бонкҳои тиҷоратӣ, махсусан ташкилотҳои қарзӣ, ҳангоми коркард, таҳия ва қабули санадҳои

меъёрии ҳуқуқӣ дар самти сиёсати бонкдории кишвар дар шароити ташаккул ва рушди иқтисодиёти рақамӣ, инчунин, истифодаи маводди таҳқиқот дар ҷараёни машғулиятҳои лексионӣ муфид арзёбӣ мегардад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои илмӣ-амалии байналмилалии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес сиёсати Тоҷикистон дар мавзуи "Нақш ва таъсири қарзи бонкӣ ба рушди иқтисодию иҷтимоии мамлакат дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт", (соли 2025), конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзуи "Қарзи бонкӣ ҳамчун омили таъсиррасон ба рушди иқтисоди миллӣ дар шароити ташаккули «иқтисоди сабз»" (соли 2025), Нақши инноватсияҳои бонкӣ дар баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои ташкилотҳои қарзӣ (соли 2025), инчунин, дар конференсияҳои сатҳи байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ баррасӣ ва тасдиқ шудаанд. Муқаррароти асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар намуди маърузаҳо дар конфронсҳои илмӣ, ҳамоишҳо ва семинарҳои донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ баррасӣ гардидаанд.

Муқаррароти алоҳидаи таҳқиқоти диссертатсиониро дар раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳангоми тадриси донишҷӯён аз рӯйи фанҳои "Молия ва қарз", "Пул, қарз, бонк", "Маблағгузории хурд", "Фаъолияти бонкӣ" ва ғайраҳо истифода намудан мумкин аст.

**Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ.** Таҳқиқот дар доираи яке аз самтҳои афзалиятноки рушди илмҳои иқтисодӣ – ҷанбаҳои ташкилӣ-иқтисодии баландбардории рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ иҷро гардидааст.

**Алоқамандии мазмуни диссертатсия бо интихоби ихтисос.** Диссертатсияи Шарипов Некрӯз Гадомадович дар мавзуи «Ҷанбаҳои ташкилӣ-иқтисодии баландбардории рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ

дар шароити иқтисодиёти рақамӣ (дар мисоли ташкилотҳои қарзӣ)» **ба** ҳисоб рафта, таҳқиқот дар доираи муҳтавои бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси илмии 08.00.07 -Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мувофиқат мекунад.

**Мутобиқати номи мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба бандҳои зерини Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 -Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мувофиқат мекунад, бандҳои: 8.13. Асосҳои интишори пул ва сиёсати эмиссионии БМТ. Иштироки БМТ дар идоракунии қарзи беруна.; 8.19. Методология ва таҷрибаи муносибатҳои асъорӣ-қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои ИДМ.; 10.1. Ташаккули системаи бонкӣ ва инфрасохтори он дар шароити иқтисоди бозорӣ; 10.2. Проблемаҳои таъмини заминаи ниҳодии тараққиёти бахши бонкӣ ва робитаи он бо БМТ; 10.3. Проблемаҳои таъмини ҳамоҳангии пулию қарзӣ, макросиёсат ва микроравиш нисбат ба рушди системаи бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон; 10.14. Коркарди равишҳои арзёбии сандуқи дороиҳои бонкҳои Тоҷикистон ва самтҳои самаранокгардонии сандуқ;10.17. Амалкарди системаи шуъбавии бонкҳои тиҷоратӣ; 10.23. Проблемаҳои инкишофи созмонҳои ғайрибонкии кредитӣ. 11.7. Методҳои танзими гардиши пулию қарзӣ; 11.8. Танзими давлатии ниҳодҳои қарзию молиявӣ.

**Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.** Доир ба мавзуи таҳқиқот 12 мақолаи илмӣ бо ҳаҷми 5,6 ҷузъи чопӣ (аз ҷумла 4,3 ҷузъи чопӣ аз муаллиф), аз онҳо 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф шудаанд, ба нашр расонида шудааст. Интишороти мазкур ақидаҳои илмии муаллиф ва ҷанбаҳои асосии таҳқиқотро дар бар гирифта, ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он мутобиқ мебошанд.

**Апробатсия ва ҷорӣ намудани натиҷаи таҳқиқот.** Натиҷаҳо ва пешниҳодҳои асосии диссертатсия дар конференсияҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи байналмиллалии сайёҳӣ, ва соҳибкории Тоҷикистон муҳокима ва баррасӣ шудаанд.

Муқаррароти диссертатсия дар ҷараёни таълимии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми тадриси фанҳои «муомилоти пулӣ ва қарз», «пул,қарз, бонк» «молия ва қарз», «маблағгузории хурд» ва ғайра истифода шудааст. (Санади тадбиқот аз 07.05. 2025)

Бархе аз муқаррароти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар фаъолияти амалии Ташкилоти амонатии қарзии хурди "Сарват" барои тадбиқ қабул шуда (Санади тадбиқот 14. 05.2025), истифода мешаванд.

Инчунин, натиҷаҳои назариявию амалии диссертатсионӣ дар Сарраёсати таҳлили макроиқтисодӣ, дурнамо ва ислоҳоти иқтисодии Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми коркарди дурнамои рушдии қтисоди рақамӣ ва инноватсияистифода бурда шуда, ҳангоми таҳияи дурнамои мазкур тавсия ва пешниҳодҳои муаллиф ба инобат гирифта шуданд. (Санади тадбиқот аз 12.05.2025).

**Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Кори диссертатсионӣ натиҷаи кори мустақилонаи илмии муаллиф буда, муқаррароти илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои дар кори диссертатсионӣ таҳия ва асоснок шуда, аз ҷониби муаллиф мустақилона дар асоси гузаронидани таҳқиқи амалияи рушди фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои хурди қарздиҳӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ анҷом дода шудаанд. Қисми таҳлилии диссертатсия дар асоси коркарди маълумотҳои Бонки миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоботҳои бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки таҳқиқ намудем, анҷом дода шудааст.

**Рӯйхати интишороти Шарипов Некрӯз Гадомадович доир ба мавзуи диссертатсия**

***А. Интишорот дар маҷаллаҳо ва нашриёҳои илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон***

[1-М]. Шарипов Н. Г. Асосҳои назариявии хавфҳои бонкҳои тиҷоратӣ ва таснифиоти онҳо дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ [Матн] / Н. Г.Шарипов //Паёми Идоракунии давлатӣ 2024/№4-1(69) Маҷаллаи илмию сиёсии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти ҶТ –Душанбе-2024 с. 196-203 ISSN 2664-0651 (Print). ISSN 2709-8567 (Online).

[2-М]. Шарипов Н. Г. Роҳҳои мукаммалгардонии фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва баланд бардоштани рақобатпазирии онҳо[Матн] / Н. Г.Шарипов //Паёми Донишгоҳи молия ва иқтисоди Тоҷикистон, 2024/№4-2(69) саҳ.699-704

[3-М]. Шарипов Н. Г. Такмили вазифаҳои бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои қарзӣ дар шароити ташаккули иқтитсоди рақамӣ [Матн] / Н. Г.Шарипов //Паёми Идоракунии давлатӣ 2025/1-1(70) Маҷаллаи илмию сиёсии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти ҶТ –Душанбе-2025 с. 152-159 ISSN 2664-0651 (Print). ISSN 2709-8567 (Online).

[4-М]. Шарипов Н. Г., Досиев М. Н. Нақши маблағгузории хурд дар рушди ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот тавассути технологияи рақамӣ[Матн] / Н. Г.Шарипов, М. Н. Досиев ////Паёми Донишгоҳи молия ва иқтисоди Тоҷикистон, 2025/№1(69) саҳ.699-704.

***Б. Мақолаҳо дар дигар нашриёҳо:***

[5-М]. Шарипов Н. Г., Такмили механизми идоракунии хавфҳои бонки тиҷоратӣ дар шароити гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ [Матн] / Н. Г. Шарипов АИДНПҶТ, Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ – назариявӣ дар мавзуи “Механизмҳои муосири идоракунии давлатӣ дар шароити номуайянии рушди глобалӣ: назария, амалия, методология ва дурнамои рушд” бахшида ба 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии

Тоҷикистон ва ташаббуси шашуми байналмилалии Тоҷикистон «Даҳсолаи таҳкими сулҳ ба хотири наслҳои оянда») Душанбе – 2024. С.537-542.

[6-М]. Шарипов Н. Г., Рақобат дар соҳаи бонкдорӣ: мушкилот ва имкониятҳо барои бонкҳои тиҷоратӣ [Матн] / Н. Г. Шарипов АИДНПЧТ, Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ – назариявӣ дар мавзуи "Механизмҳои муосири идоракунии давлатӣ дар шароити номуайянии рушди глобалӣ: назария, амалия, методология ва дурнамои рушд" бахшида ба 35-солагии Истиклоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ташаббуси шашуми байналмилалии Тоҷикистон «Даҳсолаи таҳкими сулҳ ба хотири наслҳои оянда») Душанбе – 2024. С.663-667.

[7-М]. Шарипов Н. Г., Досиев М. Н. Нақш ва таъсири қарзи бонкӣ ба рушди иқтисодию иҷтимоии мамлакат дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт[Матн] / Н. Г. Шарипов, М. Н. Досиев //Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ Донишгоҳи давалатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Хуҷанд -2025 саҳ. 53-59

[8-М]. Шарипов Н. Г., Досиев М. Н. Қарзи бонкӣ ҳамчун омили таъсиррасон ба рушди иқтисоди миллӣ дар шароити ташаккули «иқтисоди сабз» [Матн] / Н. Г. Шарипов, М. Н. Досиев //Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар АИДНПЧТ, Душанбе-2025, саҳ.222-228

[9-М]. Шарипов Н. Г., Нақши инноватсияҳои бонкӣ дар баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои ташкилотҳои қарзӣ [Матн] / Н. Г. Шарипов, //Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар АИДНПЧТ, Душанбе-2025, саҳ. 228-234

[10-М]. Шарипов Н. Г., Досиев М. Н. Бонкҳои тиҷоратӣ ҳамчун омили рушди иқтисодии мамлакат дар шароити ташаккули иқтисоди рақамӣ[Матн] / Н. Г. Шарипов, //Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ таҳти унвони "Рақамикунонии сохтмон ва иқтисодиёти сабз: роҳ ба сӯи рушди устувор"дар Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд ва Донишкадаи

политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. Осимӣ, Хуҷанд-2025, саҳ. 16-26

[11-М]. Шарипов Н. Г., Досиев М. Н. Технологияи рақамӣ ва истифодаи самараноки он дар фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ [Матн] / Н. Г. Шарипов, М. Н. Досиев // Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ «Нақши зеҳни сунъӣ дар саноат, энергетика, сохтмон, нақлиёт, тиб, кишоварзӣ, рақамикунонии иқтисодиёт ва рушди инноватсионӣ дар Тоҷикистон» Кӯлоб-2025, саҳ. 249-253

[12-М]. Шарипов Н. Г. Самаранокии қарзи бонкӣ ҳамчун омили рушди иқтисоди миллӣ дар шароити ташаккули иқтисоди "сабз" [Матн] / Н. Г. Шарипов, //Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи "Аудит дар шароити рақамикунонӣ:муаммо, афзалият ва дурнамо", Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, Душанбе-2025, саҳ.88-92

## ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи Шарипов Некрӯз Гадомадович дар мавзуи «Ҷанбаҳои ташкилӣ-иқтисодии баландбардории рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ (дар мисоли ташкилотҳои қарзӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – "Молия, муомилоти пулӣ ва қарз" кори илмии анҷомдодашуда ба ҳисоб рафта, ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267; бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, № 295) ҷавобгӯ мебошад.

2. Диссертатсияи Шарипов Некрӯз Гадомадович дар мавзуи «Ҷанбаҳои ташкилӣ-иқтисодии баландбардории рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ (дар мисоли ташкилотҳои қарзӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – "Молия, муомилоти пулӣ ва қарз" пешниҳод гардидааст, кори илмии анҷомдодашуда ба ҳисоб рафта, бо дарназардошти

ислоҳи камбудиҳои ошкоргардида ба экпертизаи навбатӣ пешниҳод карда шавад.

Дар ҷаласа иштирок доштанд 20 нафар, аз онҳо бо ҳуқуқи овоздиҳӣ 20 нафар, аз онҳо бо ихтисоси диссертатсияи муҳокимагардида д.и.и., профессор 1 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 20 нафар, «муқобил» - нест, «бетараф»- нест.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи васеи кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 26-уми июни соли 2025, суратмаҷлиси №11 қабул гардидааст.

**Раисикунанда:**
**н.и.и., дотсенти**
**кафедраи молия ва**
**суғуртаи ДМТ** **Саъдуллозода С.С.**

**Котиб:**
**ассистенти кафедраи**
**молия ва суғуртаи ДМТ** **Сабурзода Ф.М.**

**Тасдиқ мекунам,**
**Сардори Раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДМТ** **Тавқиев Э.Ш.**
**«26» ___06___ 2025 с.**